# ПРОТОКОЛИ №32.2

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**21 сентябри соли 2024** **ш. Хуҷанд**

**Раис (Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.):** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Ҳайати шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2024, таҳти рақами 168/шд бо шумораи 11 нафар тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи сабти ҳузур, ки имзои шахсии ҳар як аъзои шуро гузошта шудааст, дар маҷлис – 9 нафар, аз ҷумла докторони илм, инчунин аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – 5 нафар докторони илм иштирок доранд.

Ҳамин тариқ, кворум ҳаст. Шуро ваколатнок аст, ки масъалаи дар рӯзнома гузошташударо баррасӣ намояд. Бобати оғоз намудани кори шуро чӣ хел пешниҳодҳо ҳаст? Пешниҳод шуд, ки оғоз карда шавад. Кӣ тарафдори он, ки кори шуроро оғоз намоем? Хоҳишмандам, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, котиби илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Самадова Заррина Акрамҷоновна бо сабаби иваз намудани ҷойи корӣ, гузаштан ба донишгоҳи дигар тибқи банди 25-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, барои иҷрои вазифаи котиби илмии шуро имконият дода намешавад. Ҳоло аз ҷониби раёсати донишгоҳ ба унвони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ҷиҳати ворид намудани тағйиру илова ба ҳайати шуро ва таъин намудани котиби илмии он пешниҳод шудааст, ки дар баррасӣ мебошад. Ҳамзамон тибқи банди 45 Низомномаи мазкур дар мавриди дар маҷлис ҳузур надоштани котиби илмии шурои диссертатсионӣ иҷрои вазифаи котиби илмӣ ба уҳдаи яке аз аъзои шуро вогузор мегардад. Азбаски котиби илмии шуро имрӯз ҳузур надорад, пешниҳод шуд, ки иҷрои вазифаи котиби илмӣ дар ҷаласаи мазкур ба уҳдаи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич вогузор карда шавад. Ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Ба овоз мемонем. Тарафдор? Зид, бетараф - нест. Бо як овоз қабул гардид.

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

| | |
|---|---|
| 1. Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан | д.и.и., 08.00.03 |
| 2. Ризозода Тӯра Раббим | д.и.и., 08.00.03 |
| 3. Бобоҷониён Даврон Дадоҷон | д.и.и., 08.00.03 |
| 4. Бойматов Алиҷон Азизович | д.и.и., 08.00.10 |

5. Газибеков Садриддин Арслонбекович д.и.и., 08.00.10
6. Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич д.и.и., 08.00.10
7. Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович д.и.и., 08.00.10
8. Исмаилова Малоҳат Маҳмудовна д.и.и., 08.00.03
9. Раҳимов Абдулатиф Маҷидович д.и.и., 08.00.03

**Рӯзномаи маҷлис:**

Ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**Шунида шуд:** Узви шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилова М.М. аз рӯи натиҷаҳои ташхиси пешакии диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҳматуллоев А.У. дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сухан карда, қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур ба талабот ҷавобгӯ буда, он барои ҳимоя қабул карда шавад.

Роҳбари илми доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. мебошад.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ҳамчун ба соҳаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ чоп шудааст, аз онҳо 3 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,5 ҷ.ч.-ро ташкил медҳад.

Комиссияи ташхис барои ҳимоя намудани диссертатсияи Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи Раҳматуллоев А.У. шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Ҷӯраева Адолат Орифовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Нусратзода Муҳаммади Нусрат – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияи иттилоотӣ ва интеллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе) таъйин карда шавад.

4. Санаи ҳимоя 7 декабри соли 2024, соати 09.00 таъйин карда шавад.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

6. Омода намудани лоиҳаи хулосаи ниҳоии шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Раҳматуллоев А.У. ба ӯҳдаи д.и.и., профессор Исмоилова М.М., вогузор карда шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:
тарафдор – 9 нафар;
зид – нест;
бетараф – нест;
Қарор бо як овоз қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

**Котиби илмӣ шуро,**
**д.и.и., профессор** **Дадоматов Д.Н.**